INNOVATIVE WORLD

ISSN: 3030-3079

# ORIENTAL JOURNAL OF ACADEMIC AND MULTIDISCIPLINARY RESEARCH

Open Access, Peer Reviewed Journal

Scientific Journal





# МУҲТАВИЁТИ ҲИКОЯТИ САРГУЗАШТИИ АҲМАДИ ДОНИШ

**ЮНУСЗОДА ЗУЛФИЯ ЮНУСОВНА**

Номзоди фанҳои филолгӣ, дотсент.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд
email: yunuszodaz@mail.ru
ORCID ID: https://orcid.org/0009-0009-7638-522X

**Аннотатсия**

Дар мақола хусусиятҳои жанрӣ ва мазмуни ғоявии яке аз ҳикоятҳои саргузаштии нависандаи маорифпарвари Осиёи Марказӣ Аҳмад Махдуми Дониш аз боби нӯҳуми “Наводир ул-вақоеъ” тадқиқ карда мешавад. Нависанда барои нишонрасу таъсирбахш баён кардани мақсади эжодияш ба жанри интишорёфтаи адабиёти маорифпарварӣ-сафарнома таважжӯҳ намуда, ақидаҳои пешқадами маърифатхоҳии худро тавассути образи марди сайёҳ инъикос намудааст.

**Калидвожаҳо:** сафарнома, жанр, сужет, симои сайёҳ, мазмуни ғоявӣ, ақидаҳои пешқадами маърифатхоҳӣ.

## AHMAD DONISH SARGUZASHTIY HIKOYASINING MAZMUNI

**Annotatsiya**

Maqolada O‘rta Osiyo ma’rifatparvar adibi Ahmad Maxdum Donishning “Navodir ul-vaqoe”ning to‘qqizinchi bobidagi sarguzasht hikoyalaridan biri janr xususiyatlari va g‘oyaviy mazmuni o‘rganiladi. Yozuvchi o‘zining ijodiy maqsadini aniq va ta’sirli ifodalash uchun sayohatnoma janri xuxusiyatlaridan istifoda qilib, ilg‘or ma’rifatparvarlik g‘oyalarini sayyoh obrazi orqali aks ettirgan.

**Kalit so‘zlar:** sayohatnoma, janr, syujet, sayyoh obrazi, g‘oyaviy mazmun, ma’rifatparvarlik aqidalar.

## СОДЕРЖАНИЕ ПРИКЛЮЧЕНЧЕСКОЙ РАССКАЗЕ АХМАДА ДОНИША

**Аннотация**

В статье рассматриваются жанровые особенности и идейное содержание одного из приключенческих рассказов девятой главы «Навадир ул-Вакое» среднеазиатского просветителя Ахмада Махдума Дониша. Чтобы ярко и эффектно выразить свою творческую цель, писатель использовал особенности жанра травелога и отразил идеи передового просвещения через образ путешественник.

**Ключевые слова:** травелог, жанр, сюжет, образ путешественник, идейное наполнение, просветительские верования.

## CONTENTS OF THE ADVENTURE STORY OF AHMAD DONISH

**Abstract**

The article examines the genre features and ideological content of one of the adventure stories of the ninth chapter “Navadir ul-Vakoe” by the Central Asian educator Akhmad Makhdum Donish. To clearly and effectively express his creative goal, the writer used the features of the travelogue genre and reflected the ideas of advanced education through the image of a traveler.

**Key words:** travelogue, genre, traveler image, ideological content, educational beliefs.

## САРСУХАН

Аҳмад Махдуми Дониш (1826-1897) нахустин нависандаи равшанфикрест, ки жанри деринаи адабиёти мумтози точик – сафарномаро дар давраи маорифпарварӣ аз нав тачдид намуда, дар он тағйироту дигаргуниҳои гуногун ворид кардааст. Дар китоби фалсафию бадеии дучилдаи “Наводир ул-вақоеъ” (таълифаш 1875-1882) тасвири сафарҳои хорижа ва ҳаёти ибратбахши кишварҳои дуру наздик дар бобҳои VI-XIX-и мушоҳида мегардад. Сафарномаҳои Аҳмади Дониш ба ривожу такомули жанр дар адабиёти маорифпарварӣ ва навин мусоидат намуд. Дар сафарномаҳои Аҳмади Дониш тарзи зисти мардуми кишварҳои пешрафтаи Ғарб, сатҳи баланди фарҳангу даражаи тараққиёти мадании онҳо дар маркази диққати муаллиф қарор ёфтааст, ки ба назари мусофир ва сайёҳи Бухорои онвақтаи феодалӣ хеле ажиб менамуданд.

Ҳикоятеро, ки мо ҳоло онро ба доираи тадқиқ мегирем, ба жанри сафарномаи саргузаштӣ нисбат дорад ва он “Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғинои марди ажамӣ” ном дошта, боби нӯҳуми “Наводир ул-вақоеъ”ро фаро гирифтааст. Ин ҳикоят аз жиҳати ҳажм ва ҳам аз назари доираи мавзӯъву сужет хурд аст.

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Устод Р.Ҳодизода дар мақолаи “Насри бадеии Аҳмади Дониш” доир ба мазмуни фалсафию тасвири бадей, характери қаҳрамону мақсаду мароми эжодии нависанда мулоҳиза ронда, онро бо назардошти фарогирии масъалаҳои муҳимтарини ижтимоиву фалсафӣ, ба жанри қиссаи фалсафию бадей тааллуқ донистаанд [3, 61].

Адабиётшинос М.Адашев доир ба жанри ҳикоятҳои мавриди назар, мулоҳизаҳои худро иброз дошта, ақидаи Р.Ҳодизодаро инкор мекунад ва онро ба жанри ҳикояти бадеиву саргузаштӣ мансуб мешуморад [1, 88].

Дуруст аст, ки воқеаю ҳодисоти дар ҳикоят ба тасвир овардашуда саргузашти қаҳрамони интихобкардаи нависанда аст. Аммо дар назар бояд дошт, ки ин саргузашт ҳангоми сайру саёҳати қаҳрамони ҳикоят рӯй додааст. Чунончи: саргузашти марди ажамӣ ҳангоми “азимати сафари дарёй ба замини Калкута ва навоҳии Ҳинд” ба вуқӯъ омадаанд. Бинобар ин жанри ҳикояти мавриди баҳсро сафарномаи саргузаштӣ

номидан дурусттар менамояд, зеро воқеаҳои маҳсули сафар ва саргузаштҳои сафарӣ бешак дар жанри сафарнома акс меёбад [5, 33]. Аҳмади Дониш дар ин сафарнома саргузашти шахси конкрети ҳаётӣ, марди ажамиро мавриди тасвир қарор медиҳад, яъне образи эжод кардаи нависанда аз воқеияти зиндагӣ гирифта шудааст, ки дар натижа манзараҳои ҳаёти воқей ва хислату характери инсони комилан ҳаётӣ пеши назар намоён мешавад. Тарзи реалистии тасвирро ихтиёр намудани нависанда ҳанўз аз аввали хикоят ҳам аён аст. Аҳмади Дониш худ таъкид мекунад, ки дар ҳикояти сафари марди ажамӣ, ў аз заминаи ҳақиқати зиндагӣ дур нарафтааст. Саргузашти сафари дарёии марди донишманде, ки “худи ў аз мардуми Ажам ва Эрон” буда, дар сарзамини Ҳинд сукунат ихтиёр намудааст, воқеаи ҳаётист, ки онро ба нависанда “яке аз ошноён, ки аз ҳажжи ислом расида буд” нақл кардааст.

## МУҲОКИМА ВА НАТИЧАҲО

Аҳмади Дониш ҳамчун файласуф ба масъалаи қазову қадар муносибати худро зоҳир карда, ҳарчанд онро ҳамчун қувваи илоҳӣ инкор накунад ҳам, аммо дар касби ризқу рўзии зиндагӣ, дар гирд овардани сарвату боигарии моддӣ ва дар обод доштани дунё кўшишу саъйи инсонро зарур мешуморад. Бинобар ин нависандаи маорифпарвар барои зиндагии инсон ва ободии жомеа сарвату давлатро чӣ қадар зарур ҳисоб карда бошад, дар жамъ кардани ин сарват баробари қувваи бозуи инсон илму дониш ва фазлу ҳунарро ҳамон андоза ногузир медонад. Ҳамин фикри фалсафии Дониш дар тасвири бадеии саргузашти сафари дарёии пурошўби марди донишманди ажамӣ ифода ёфтааст.

Дар тасвири бадеии Дониш кирдори қаҳрамонон ва орзуҳои нажиби онҳо дар роҳи беҳтар кардани шароити зиндагии инсон ва беҳдошти жомеаи башар орзуҳои ширини афсонавӣ набуда, ҳодисотест, ки амалӣ шудани он ба илму дониш, фазлу ҳунар ва қудрату тавоноии ҳар як шахси оддиву муқаррарӣ вобаста аст. Нависанда қадри илму дониш ва фазлу ҳунарро ҳарчанд бо воқеаи ба гирдоби афсонавии Искандар дучор омадани киштӣ ва аз он раҳо ёфтани марди ажамӣ ва рафиқону ҳамроҳони ў нишон дода бошад ҳам, вале ҳамаи муҳиту шароит, манзараву ҳолатҳо ва воқеаҳо мувофиқи мақсади эжодии ў воқеиву ҳаётӣ сурат гирифтаанд. Ин усули воқеънигории Аҳмади Дониш, албатта аз равияи реализми маорифпарварӣ, ки дар адабиёти маорифпарварии тожик роҳи наве буд, маншаъ мегирад [4, 87].

Қаҳрамони Дониш дар Аврупо таҳсили илм карда, ҳаёту тарзи зиндагии аврупоиро омўхтааст ва аз муҳити ижтимоии шаҳрҳои бузургтарини Аврупо, амсоли: Фаронса, Лондон (Британия), Петербург, ҳатто Юнону Амрикои Шимолӣ (ба қавли Дониш Янги Дунё) иттилоъ дорад. Бино бар нақли марди ажамӣ, ў дар жавонӣ аз Хуросон барои тижорату таҳсили улум ва “таламмузи забони фаранг ва немиса ба Порис” рафта, дар он жо як-ду сол истиқомат гузида, баъди фориғ аз

“такопўи раставу бозор” соате ба дабиристон рафта, ба омўхтани “истилоҳи забони фаранг ва тариқи савдо ва муомилат вуқуфи куллӣ” ҳосил кардааст. Аз ин нақли қаҳрамони Дониш равшан аён аст, ки ў шахси бедорфикру худогоҳ буда, дар шароити нав шарти асосии ҳаёти осудаву пешрафти кишвар ва аз оқибмонии иқтисодиву сиёсӣ баровардани мамлакат ҳисоб ёфтани илму донишро амиқан дарк карда, барои пешрафти зиндагӣ зарурати омўхтани илмҳои дунявӣ, донистани забонҳои жаҳон ва хусусан фаро гирифтани улуми тижорату муомалатро барои ҳар як фарди башар вожиб медонад. Муаллиф аз забони марди ажамӣ таъкид менамояд, ки “дар Фарангистон чӣ тижорат ва чӣ мухолатат бо он қавм бе забондонӣ мўжиби зиёну зарар ва офат аст” (2, 193). Қаҳрамони Дониш баъди омўхтани забону огоҳӣ ёфтан аз илми тижорат ва муомалат аз Порис ба тариқи савдо ва суд ба шаҳри Лондон афтода, бо акобиру афозили он жо ихтилот намуда, дар миёни аъёни тужжор эътибор пайдо кардааст. Ва кораш дар тижорату муомалат устувор шуда, соҳиби сарват ва дастмояи зиёд гардидааст, ки дер боз орзуву ҳаваси онро доштааст.

Муаллиф ба воситаи ин сафарнома ба хонандаи ватани худ аз нуфуси шаҳрҳои калони Аврупо, тарзи зисту шуғли мардуми он диёр дарак медиҳад, инчунин аз хусуси сатҳи баланди фарҳангу маданият ва даражаи тараққиёти илму фан, пешрафти тижорату муомилоти он жо маълумотҳои муфид мерасонад. Нависандаи маорифпарвар, ки дар замони нав илму маърифатро яке аз омилҳои муҳими беҳбудии рўзгор ва нашъунамову тараққиёти кишвар дониста буд, ба ин мавзўъ ба таври мунтазам мурожиат карда, хонандаро ба омўзиши забонҳои дунё, ба фаро гирифтани илму дониш, шинос шудан бо ҳаёти пешрафтаи олам, баҳра бардоштан аз бозёфтҳои илмиву техникии мамолики мутараққии жаҳон тарғибу ташвиқ менамояд. Бешубҳа, ин масъалаҳо ба бедорӣ ва жунбиши фикриву маънавии инсон, ба идроки моҳияти ижтимоиву иқтисодӣ ва воқеаҳои сиёсии замон мусоидат карда, ба ин фақат ҳангоми берун рафтан аз муҳити тираи амороти Бухоро, тафарружи кишварҳои хорижа, мушоҳидаи маданияту фарҳанги воло, муоинаи пешрафти иқтисодиву сиёсӣ ва дастовардҳои илмиву техникии мамолики мутамаддин ноил шудан мумкин буд. Нависанда барои нишонрасу таъсирбахш баён кардани мақсади эжодиаш ба жанри интишорёфтаи адабиёти маорифпарварӣ-сафарнома таважжўҳ намуда, андешаи маърифатхоҳиву ақоиди пешқадами худро тавассути сафарҳои дарёии марди ажамӣ ва образҳои маллоҳу муаллими киштӣ инъикос намудааст.

Аҳмади Дониш бо баёни ба туфайли андўхтани донишу омўхтани забонҳои жаҳон ба беҳдошти зиндагӣ ва беҳбудии рўзгори худ муяссар гардидани марди ажамиро чун намунаи ибрат нишон дода, шуури шахшудаи мардумро ба жунбиш овардан, онҳоро ба ҳаёти хушбахтона завқманд намудан, ба омўзиши илму маърифати замон ҳавасманд

кардан ва бо ин ба пешравии жомеа саҳмгузор буданашонро хостааст [7,66].

Марди ажамӣ нақл мекунад, ки рӯзе бо жамъе аз тужжори номдор ва аҳли саноеъ барои тижорат бо молу матои бисёр аз Лондон ба Калкутта (Ҳиндустон) азми сафари дарёй дошт. Онҳо дар баҳр гоҳ даҳ - понздаҳ рӯз ва гоҳ як моҳ киштӣ меронданд ва ба шаҳрҳое, ки тавобеи Фаранг ва Ҳинд бошад фуруд омада, тамошо карда ва байъу широ намуда, ду-се рӯз истиқомат ихтиёр карда, боз дар баҳр менишастанд. Рӯзе боди мухолиф киштии онҳоро ба жое мерасонад, ки ба қавли муаллими киштӣ “мутлақ дар он жо киштӣ нарасида ва нагузашта” будааст. Муаллими киштӣ, ки “марде буд нобино ва худ фарангӣ ва дар амри баҳр бисёр донишманд” мардумро огоҳ мекунад, ки боди мухолиф киштии онҳоро ба ғарқоби фано мебарад. Аз ин сухани муаллим фиғон дар аҳли киштӣ меафтад ва мардум аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки “равшантар аз ин баён кун, ки киштии мо то ба кужо меравад ва маоли ҳоли мо ба кужо меанжомад ва тадбири мо чист?”. Муаллим чунин посух медиҳад: “дар мактуби мо навиштаанд, ки дар муҳит... гирдобест, ки аз якмоҳа роҳ киштиҳоро ба худ мекашад”. Ба қавли муаллим ин гирдобест, ки ғайри Искандар касе ба он жо нарасида ва агар расида, солим барнаёмада ва худи Искандар низ ба тадбири ҳукамо ва асбобу адавоти фаровон аз он жо махлас ёфта ва бинобар ин он гирдоб бо “гирдоби Искандар” мавсуф шудааст. Инак, киштии мусофирон низ ба ҳамин гирдоб наздик мешавад. Аҳли киштӣ аз ин ҳолат ба тарсу бим афтода, ба навҳаю нола шурӯ карда, “шабу рӯз ба даргоҳи корсози банданавоз менолиданд ва мезориданд, ки онҳоро нажот бахшад” (2, 196) . Муаллими киштӣ бо тамкин ва ақлу хирад бесаранжомию ошуфтагӣ, ҳавлу ҳарос ва навҳаю фиғони мардумро фурӯ менишонад. Маллоҳ, ки низ “марде доно ва ҳаким буд”, мардумро ба “сабру таҳаммул даъват” фармуда, ҳикоятҳои дилпазире аз жараёни қазову қадар ва касоне, ки ба балоҳои азим гирифтор шуда, боз ногоҳ нажот ёфтаанд, мисолҳо оварда, онҳоро тасалло медод ва мегуфт: “Мумкин аст, ки лутфи эзиди таоло моро низ аз ин вартаи жоншикор ва гирдоби хунхор солим ва ғоним берун орад ва махлас диҳад” (2, 197).

Ҳамин тариқ, соат ба соат суръати киштӣ тезтар шуда, мусофиронро ба он гирдоби пуризтироб мерасонад ва онҳо мебинанд, ки дар баҳр “ба қадри ҳавзи бузург гирдобе фурӯ меравад ва ҳар чӣ бошад, дар коми худ фурӯ мекашад”. Азбаски киштии қаҳрамонони ҳикояти мо азиму бузург будааст, онро фурӯ бурдани гирдоб мумкин набуд, лекин киштии онҳо “ба даври он ҳавзи хунхор ҳамчу паргор давр мезад” ва гоҳо ба даҳони гирдоб мемонд ва боз ба воситаи талотуми мавч ва боди сахт аз даҳони ӯ раҳой ёфта, ба атрофи он чарх мезад. Баъди ду - се рӯз, ки ҳоли онҳо ин буд, боди шадид бархоста, киштии онҳоро ба домани кӯҳе мерасонад, ки киштиҳои беадад дар он кӯҳжамъ шуда ва баъзе шикаста ва баъзе пора шуда буданд. Аз киштинишинон, ки ҳаждаҳ нафар буданд,

то он рӯз дувоздаҳ нафар фавтида, шаш тан боқӣ мондаанд. Онҳо баъди фароғат ва осудагӣ барои тафарружи киштиҳои шикаста баромада диданд, ки дар баъзе киштиҳо мардуми он фавтида, ба тӯдаи устухон ва хок табдил ёфтаанд. Мусофирон “аз маоли ҳоли онҳо ба ҳоли худ нигариста, бисёр бигиристанд”. Дар яке аз киштиҳо нафареро диданд ва аз нақли ӯ фаҳмиданд, ки ӯ тақрибан ҳафт сол тахти он кӯҳ зиндагӣ дошта, роҳи нажот жустааст. Мувофиқи нақли он мард “соле як бор жонвари азимжусса дар ин гирдоб меояд ва гоҳо ду-се рӯз таваққуф намуда” берун мерафтааст. Муаллими фарангӣ барои махлас тадбир жуста, шогирдону ҳаддод (оҳангар)ро мефармояд, ки занжирҳо созанд ва меххои сарҳалқадор тайёр кунанд, ки тез бошад ва ба ҳар жо фурӯ равад. Муаллим аз мунажжим вақти омадани он жонварро аз буржҳои осмонӣ муайян кард. Вақте жонвар омад, муаллими киштӣ ба шогирдон фармуд, ки занжирҳоро ба меххо таълиқ дода, ба завракҳо нишаста, бурда, ба ҳар узви ӯ сахт ва мустаҳкам зананд. Баъди се рӯз ин жонвар оҳанги рафтан сар карда, ба ҳаракат даромад ва киштии онҳоро низ бо худ “ҳамеронд ва ба ҳар кашиш тахминан серӯза роҳ мебурд”. Чун киштӣ аз гирдоб дур шуд ва миёнжои баҳр расид, занжирҳоро аз жонвар раҳо карданд ва худ киштӣ ронданд. Ҳамин тавр, марди ажамӣ ва рафиқони ӯ аз марг халос шуданд.

Аҳмади Дониш тавассути ин сафарнома маълум месозад, ки ба мусофирон на нолаву зорӣ ва илтижову тазарруъ ба даргоҳи илоҳӣ, балки ақлу дониш ва ҳунар, қувват ва хиради онҳо ёрӣ медиҳад. Ин фазилати инсонии онҳо ба ҳам пайваста, чунон иқтидореро ба миён меорад, ки даҳшату фалокати дар давоми чандин қарнҳо ба сарнишинони киштӣ маргу ҳалокат меовард, аз байн бардошта мешавад.

Аҳмади Дониш аз иттифоқи мардум ва аз ақлу хиради якжояи олимону ҳунармандон ба вужуд омадани иқтидори бузургро хеле батафсил нақл мекунад, ки мақсаду ҳадафи эжодии муаллиф дар ин сафарнома тараннуми илму дониш ва ақлу хиради инсон аст. Офат ва балоро на ягон қувваи фавқуттабиаи илоҳӣ, балки одамони муқаррарие, ки ҳар кадом ба донишеву ҳунаре соҳиб буданд, бартараф менамоянд. Инҳо муаллими киштӣ ва маллоҳи донову ҳаким, шогирдони ӯ мунажжим, ҳаддод (оҳангар), табиб ва жарроҳ буданд, ки бо илму дониш ва ҳунари худ ба муқобили офати мудҳиш мубориза бурда, худро аз хатари ҳалокат раҳо намуданд.

Нависанда дар тасвири ин воқеа нишон медиҳад, ки ақлу хирад ва илму дониши инсонӣ ба қуввату қудрати ӯ раҳнамой кунад, саркашӣ ва офатҳои табиат мағлуб мегардад. Муаллиф аз забони муаллими киштӣ мегӯяд: “Бо қазо ба навҳаю фиғон зӯр натавон овард” (2, 196). Вақте ки муаллим бо як жасорату нотарсӣ ба муқобили даҳшати аз тарафи “қазо” фиристодашуда ба мубориза бархоста, онро мағлуб мекунад, ин кори ӯ чун аксуламале ба муқобили “қазову қадар” фаҳмида мешавад ва чун кинояи тамасхӯромез нисбати онҳое таъбир мегардад, ки мардумро дар

забунию нотавонӣ нигоҳ медоштанд, боварии онҳоро ба қувваю қудрати худ аз байн мебурданд ва инсонро ба як зоти заифу ожизе мубаддал месохтанд. Дар ин жо Дониш ба масъалаи мустаҳкамии иродаи инсон ва ба тақдир тан надода, барои ҳаёт мубориза бурдани ӯ эътибори махсус додааст. Нависанда ба ин восита ба раҳонидани мардум аз жаҳолат ва тан надодан ба тақдиру қазо ҳиммат гумоштааст.

Мубориза ба муқобили офате, ки пеши роҳи одамонро гирифта буд, бенатижа намонд. Онҳо аз ин гирдоби пурҳавл раҳо ёфта, ба жазираи “жавоҳирот” мерасанд, ки дар он ганжу сарвати бепоён “аз лаълу бежода ва зумурраду забаржад ва ложуварду алмос” мавжуд будааст, аммо бар асари монеаи гирдоби Искандар касе ба он жо роҳ намеёфтааст. Мусофироне, ки чанд рӯз пеш бо ажал даст ба гиребон шудаанду онро мағлуб сохтанд, имрӯз аз ин сарвату жавоҳирот баҳраманд гардиданд ва ҳар кадомӣ соҳиби ганжинаи бепоён шуданд. Ин жавобест ба ҳамон суоле, ки дар аввали сафарнома яке аз ошноёни нависанда ба марди ажамӣ дар чи гуннагии гирд овардани сарват дода буд: “Ин маблағ моя ва иқтидор ба чӣ навъ андӯхтӣ, ки аз ирс ва касб ин миқдор давлат таҳсил нашавад” (2, 192). Ва ин суоли ӯ барои шунидани саргузашт набуд, балки барои он буд, ки тажрибаи зиндагии ин марди сарватманд шояд барои дигарон намунаи ибрат шавад.

## ХУЛОСА

Саргузаште, ки дар ин сафарнома нақл шудааст, ба нависанда воситаи хубе буд барои талқини ин ақидаи маорифпарварона, ки илму дониш ва қудрату тавоноии инсон барои беҳбудии зиндагӣ ва осудаҳолии мардум шароит фароҳам меорад. Дониш дар сафарнома ҳамчун маорифпарвар ба масъалаи аҳамияти илму дониш ва фазлу ҳунар таважжӯҳ намуда, хонандаро ба хулосае водор мекунад, ки агар марди ажамӣ дар Аврупо таҳсили илм намекард, жаҳондидаву жаҳонгашта намешуд ва инчунин муаллими киштӣ аз донишу тажрибаи ҳаётӣ бархурдор намебуд, аз ин вартаи ҳалокат раҳо ёфтанашон амри маҳол буд. Ҳамин тариқ, нависандаи маорифпарвар ба воситаи ин сафарнома мардумро ба омӯзиши илму дониш ва ба иттифоқу иттиҳод ҳидоят намуда, ба онҳо талқин мекунад, ки ҳар як шахс бо афзудани илму дониши худ мисли марди ажамӣ соҳиби ҳаёти хушбахтона шуда, метавонад дар пешравии кишвари худ ҳисса гузорад.

## АДАБИЁТ:

1. Адашев М. Чанд мулоҳиза доир ба таносуби шаклу мазмун дар адабиёти маорифпарварии тожик //Масъалаи филологияи тожик. Мақола ва гузоришоти илмӣ. – Самарқанд: УДС, 1997. – С. 83 –100.
2. Аҳмади Дониш. Наводир–ул–вақоеъ /Муҳаррирони масъул: Р.Ҳодизода, А.Девонақулов. Иборат аз ду китоб. Китоби якум. –

Душанбе: Дониш, 1988. – 286 с.; Китоби дуввум. – Душанбе: Дониш, 1989. – 340 с.
3. Ҳодизода Р. Насри бадеии Аҳмади Дониш //Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тожик. Мажмўаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1974. – С. 60 – 81.
4. Юнусзода З. Жанри сафарнома дар адабиёти маорифпарварии тожик.- Тошканд: Фан, 2014. -170 с.
5. Юнусзода З. Ю. Образ путешественника в рассказе Ахмада Дониша// Фундаментальные основы инновационного развития науки и образования. – 2019. – С. 33-37.
6. Yunusovna Y. Z. The image of traveller in Ahmad Donish's story//European science review. – 2020. – №. 3-4. – С. 64-68.